# Маърӯзаи директори Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷумахон Хол дар маҷлиси васеи Китобхона вобаста ба ҷамъбасти фаъолияти Муассиса дар соли 2023 ва вазифаҳо барои соли 2024

(10.01.2024)

**Ҳамкорони гиромӣ!**

Бо ироа гардидани Паёми Асосгузори сулҳу ватҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки чанд рӯз қабл мову Шумо шоҳид гардидем, кишвари маҳбуби мо Тоҷикистнро боз ҳадафу мақсадҳои созанда ва бунёдкорона равнақдиҳанда дар пеш хоҳад буд. Ба мову Шумо айён аст, ки паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ барои тамоми соҳаҳои хоҷагидории кишвар чун шаҳодатномаи раҳнамое маҳсуб меёбанд, ки ба татбиқи тадриҷии ҳадафҳои стратегии мамлакат, аз ҷумла беҳтар намудани шароити иқтисодиву иҷтимоӣ ва маърифатнокии аҳли ҷомеа нигаронида шуда, бо таҳлилҳои амиқ, натиҷагириҳои асоснок ва масъалагузориҳои

мушаххас тамоми соҳаҳои давлатдории моро сол аз сол рушду равнақ мебахшанд.

Паёми навбатии Пешвои муаззами миллат, ки санаи 28 декабри соли 2023 ба Маҷлиси Олӣ ва дар симои он тариқи тамоми шабакаҳои радиоиву телевизионии кишвар ба мардуми шарифи Тоҷикистон – ҳар як фарди худогоҳу ватандӯст, шаҳрванди пурмасъулияту созандаи кишвар ва ба тамоми тоҷикони ҷаҳону инчунин, бо муроҷиат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ироа гардид, сараввал, соли 2023-ро дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол бо дастоварду пешравиҳои ноилшудаи халқамон ба сифати боз як соли бобарор сабт намуд. Яке аз нуктаҳои калидии Паёми навбатии Пешвои муаззами миллат, дар баробарии зикри дастовардҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, пешравиҳои бахши инфрасохтори соҳаи маориф, рушди имконияти сайёҳӣ, тадбирҳо ҷиҳати пешгирии омилҳои терроризму экстремизм ва ҳифзи суботу оромии кишвар, ин масоили марбут ба таҳкими маърифатнокии аҳли ҷомеа – рушди соҳаҳои илму маориф ва фарҳанг мебошад, ки атрофашон таъкидҳо, масъалагузориҳои мушаххас сурат гирифт.

Ба боварӣ метавон гуфт, ки дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми самту равиши фаъолияти Муассиса дида баромада шудааст ва вобаста ба ҳар як таъкиди Пешвои миллат, ки тавассути Паём ироа мешаванд, корҳои зиёде ба нақша гирифта шудаву амалӣ мегарданд.

Дӯстони азиз,

Мақсад ва вазифаҳои асосии Китобхонаи миллӣ аз қонеъ гардонидани дархости хонандагон бо маводи чопиву электронӣ, такмили фонди китобҳо, ташкилу баргузории чорабиниҳои муҳимми илмӣ, фарҳангиву маърифатӣ, феҳристнигории анъанавию электронӣ, омодасозиву интишори осори илмӣ ва дастурҳои методиву библиографӣ иборат мебошад.

## 1. ҲИСОБОТИ КАДРӢ

Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №454, аз санаи 13.09.2022 Оинномаи Китобхонаи миллӣ дар таҳрири нав тасдиқ гардида, тибқи он санаи 28.12.2022 басти вазифаҳо аз ҷониби роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд. Мувофиқи ҷадвали басти корӣ айни замон дар Китобхонаи миллӣ **2** раёсат, **25** шуъба, **3** марказ, **10** бахш, **1** Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, **1** бунгоҳи тиббӣ ва ҳайати кормандони техникию ёрирасон фаъолият доранд. Теъдоди умумии кормандон то ба имрӯз **503** нафар буда, аз онҳо **452** нафар кормандони асосӣ ва **51** нафарро ҳайати техникӣ ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии кормандон **393** нафар зан ва **110** нафар мард мебошад. Мавриди зикр аст, ки **110** нафар корманд бо ихтисоси китобдор фаъолият доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар умум 625 ҳолати ба рухсатиҳои гуногун, аз ҷумла 433 нафар ба рухсатии меҳнатӣ, 60 нафар рухсатии давраи таҳсил, 58 нафар рухсатии бемузди меҳнат, 29 нафар рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд ва **42** нафар рухсатӣ барои нигоҳубини тифл

баромадаанд. Зимнан, **3** нафар корманд аз рухсатии меҳнатӣ дар соли 2023 бозхонд шуданд.

Ҳамчунин, дар соли равон **89** нафар корманди Китобхона мутобиқи моддаи 41 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хоҳиши худ аз кор озод ва **83** нафар корманд дар бахшу шуъбаҳои Китобхона ба кор қабул карда шуданд. Ҳамзамон, **9** нафар корманди Китобхона ба нафақа гусел карда шуд. Дар умум дар ин давра **1047** лоиҳаи фармоиш омода ва ба тасвиб расонида шудааст.

Ёдовар мешавем, ки дар соли равон директори Китобхонаи миллӣ Файзализода Ҷ.Х. ва муовини директор Нурзода Ҷ. ба Медали "Хизмати шоиста" ва 1 нафар корманд ба "Раҳматнома"-и ДИП ҶТ ва ҳамзамон **1** нафар корманди Китобхона бо унвони фахрии "Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон", **200** нафар бо "Ифтихорнома" ва "Сипоснома"-и Китобхонаи миллӣ бахшида ба ҷашнҳои гуногуни давлатӣ ва миллӣ сарфароз гардонида шуданд.

Тибқи омори бахши умумӣ ва коргузорӣ дар давраи ҳисоботӣ **4788** ҳуҷҷат, аз ҷумла 118 адад ҳисобот ва маълумотнома, 788 адад дархост, 1000 адад аризаҳои гуногун, 149 пешниҳод, 319 гузориш, 176 адад мактуб аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 803 адад мактуб аз вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ва 67 адад мактуб аз хориҷи кишвар қабул кардааст. Дар давраи ҳисоботӣ шумораи умумии мукотиботи содиротӣ **1149** ададро ташкил медиҳад, аз ҷумла 86 адад мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1051 адад ба вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ва 12 адад ба хориҷи кишвар ирсол гардидааст. Дар маҷмуъ, гардиши ҳуҷҷатҳои дар бахши умумӣ ва

коргузорӣ баррасӣ ва мавриди корбурд қарор гирифта дар соли равон **4788** ададро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии ҳуҷҷатҳои воридотию содиротӣ **68** адад бо сабабҳои гуногун иҷро нагардидаанд.

Аз моҳи марти соли ҷорӣ дар Муассиса **бахши китобҳои махсус** фаъолият мебарад, ки мақсади асосии он пешгирии раванди паҳншавии адабиёти аз нигоҳи идеявию сиёсӣ, динӣ ва ахлоқӣ номатлуб дар байни шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан ҷавонону наврасон мебошад.

Аз оғоз то имрӯз дар бахш **7501** китобу маҷалла гирдоварӣ шудааст, ки онҳо аз назари мутахассисони соҳибтаҷриба ва донандагони хуби илмҳои мавриди назар гузаронида шуда, ҳифз ва нигоҳдорӣ мешаванд.

Дар асоси таъсиси комиссияи дохилӣ ва беруна, ҳамзамон фаъолияти назарраси Раёсати кадр ва корҳои махсуси Муассиса бахш тавонист, ки зз шуъбаи матбуоти даврӣ рӯзномаҳои **«Адолат» солҳои 1991, 1992, 2000, 2004; «Алиф» соли 1998; «Дунё» соли 1991; «Зиндагӣ» соли 2004; «Минбари Ислом» соли 1992; «Рӯзи нав» соли 2003, 2004; «Садои Дарбанд» соли 2001, 2004; «Самандар» соли 1997, 1998; «Сомон» соли 1991, 1992, 1993, 1994, 1995; «Сухан» соли 1990, 1991, 1992; «Ҳафтганҷ» соли 1992; «Чароғи рӯз» соли 1991, 1992 ва «Ҷунбиш» солҳои 1997, 1999-ро тибқи санад ва рӯйихат қабул намуданд.**

Мо боварӣ дорем, ки бахш минбаъд низ барои дарёфт ва нигоҳдошти китобҳои аз нигоҳи идеявию сиёсӣ, динӣ ва ахлоқӣ номатлубро дар ҳамкорӣ бо мутахассисони кумитаву идораҳои давлатӣ

ба роҳ монда, дар нигоҳдошти асолати миллӣ ва фарҳанги миллӣ мавқеи худро муайян менамояд.

Бинобар ин, ба Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, махсусан бахши китобҳои махсус дастур дода мешавад, ки дар такмилу омӯзиш ва ҷамъоварии адабиёти аз нигоҳи динӣ ва сиёсӣ мамнуъ корҳои санҷиширо бояд бештар ба роҳ монад ва барои пайдо намудани адабиёти мамнуъ ҳамкориҳоро бо вазорату идора ва муассисаву кумитаҳои дахлдор вусъат бахашад.

## 2. МУКАММАЛГАРДОНИИ ФОНД ВА КОРКАРДИ АДАБИЁТ

**Шуъбаи мукаммалгардонии фонд.** Дар соли 2023-ум 71355 нусха адабиёт ба маблағи умумии 948780 сомониву **97** дирам ба Китобхонаи миллӣ ворид карда шуда, мавриди коркард қарор гирифтааст. Аз ҷумла:

| № | Китобҳо | Маҷаллаҳо | Нашрияҳои давомноки илмӣ | Диссертатсия | Автореферат | Нота | Диск |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **2023** | 47996 | 2441 | 46 | 581 | 1676 | 20 | 29 |
| **2022** | 36793 | 2377 | 264 | 1174 | 410 | 14 | 677 |

Дар захираи мубодилавии эҳтиётӣ 1422 нусха китоб ба маблағи умумии 67839 сомониву 32 дирам ба қайд гирифта шудааст.

Кормандони шуъбаи мукаммалгардонии фонд 5355 нусха китобҳои ҳатмӣ, 42268 нусха адабиёти туҳфашуда аз шахсони алоҳида, **1117** нусха китоб аз сарчашмаҳои гуногун, **334** нусха маҷаллаи обунавӣ ва ҳамчунин 232 нусха китоб аз сафоратхона ва ташкилоти хориҷиро ба

дафтари бақайдгирӣ сабт кардаанд. Ба хотири такмил ва мукаммал гардонидани феҳристи анъанавии Китобхона ба китобҳо барга навишта, ба шуъбаҳои дахлдор ирсол намудаанд. Инчунин, дар давраи ҳисоботӣ ба 50299 нусха адабиёти коркардшуда рамзбандии вижавӣ (часпонидани штрих-код) сурат гирифтааст.

Дар ин давра кормандони шуъбаи мазкур ҳамчунин 19729 нусха китобро дар асоси дархост ба шаҳру ноҳияҳои кишвар ирсол намудаанд.

**Дар маҷмуъ, ба ҳолати 2-юми январи соли 2024 фонди хизматии Китобхонаи миллӣ аз 3451385 нусха китоб ва дигар маводи чопӣ иборат мебошад.**

Дар давоми соли 2023 дар умум 31060 китоб аз ҳисоби фонди аз аҳолӣ ҷамъоваришуда коркард гардида, ба фонди асосӣ ва ёрирасони Муассиса интиқол ёфтааст.

Агар воридшавии китоб ва дигар анвои чопиро ба Китобхонаи миллӣ дар соли 2023 натиҷагирӣ намоем, маълум мегардад, ки харидории адабиёт, қабули нусхаҳои ҳатмии ҳуҷҷатҳо, туҳфа аз шахсони алоҳида ва сарчашмаҳои гуногуни манбаи чопӣ мувоиқи мақсад ҳам бошад ва ҳатто дар солҳои ахир ба бештару беҳтар воридшавии адабиёт оварда мерасонад, вале дар бадастории баъзе сарчашмаҳои чопӣ, махсусан қабули нусхаҳои ҳатмӣ, ки онро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо” танзим менамояд, ҳамоно воридшавии он ба Китобхона доғ боқӣ мемонад. Аз ин нуктаи назар, шуъбаи мукаммалгардонии фондро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоту идораҳои дахлдор ва муассисаҳои ноширӣ барои муътадил

нигоҳдошти фаъолият ва такмили адабиёт дар самти бадастории нусхаҳои ҳатмӣ чораҳои мушаххас ва саривақтӣ андешад.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони **шуъбаи коркарди адабиёт 49519** номгӯи адабиётро қабул ва коркард намудаанд, ки аз он 17421 нусха бо забони тоҷикӣ, 27637 нусха бо забони русӣ, 2213 нусха ба фонди захираҳои ёрирасон, 582 нусха рисолаи илмӣ, 174 нусха бо забони халқҳои ИДМ ва 46 нусха нашрияҳои давомдори илмӣ мебошанд.

Дар ин давра ба **6385** нусха китоби тозанашр аз рӯйи ҷадвали Таснифоти даҳгонаи универсалӣ (ТДУ) рақам гузошта шуда, ҳамин миқдор 6385 барга (як нусхагӣ) ва 19155 адад барга (се нусхагӣ) чоп гардидааст.

Соли 2023 аз ҷониби шуъбаи коркарди адабиёт ба миқдори 27206 адад рақамҳои инвентарии китобҳои такрорнашр дар баргаҳои феҳристи хизматӣ гузаронида шуда, оид ба рақамҳои инвентарӣ, рамзбандӣ (штрих-код) ва соли нашри китобҳо ба шуъбаи феҳристнигорӣ маълумот фиристода шудааст.

Кормандони **шуъбаи феҳристнигорӣ** дар ин давра 69984 нусха китобро сабти библиографӣ намуда, дар барномаи «ALEPH» ҷой кардаанд, ки дар муқоиса ба соли гузашта 12932 нусха зиёд мебошад. Ҳамзамон, 18000 тасвири электронии библиографии китобҳо тибқи талаботи барномаи «ALEPH» шифргузорӣ карда шудааст.

Инчунин, 9325 адад баргаи китобҳои тозанашр ва 36016 адад рақамҳои инвентарии нусхаҳои иловагӣ аз шуъбаи коркарди адабиёт қабул карда шудааст, ки аз онҳо 5046 адад баргаҳои тозанашр, 21952 адад рақамҳои инвентарии нусхаҳои иловагӣ ба забони русӣ, 3900 адад

баргаҳои тозанашр, 14032 адад рақамҳои инвентарии нусхаҳои иловагӣ ба забони тоҷикӣ ва 168 адад баргаҳои тозанашр ба забонҳои халқҳои ИДМ мебошанд.

Дар сохтори Муассиса шуъбаи феҳристнигорӣ фаъолияти муътадил дошта, дар самти электронинамоии феҳристи адабиёти фонди Китобхона заҳмат мекашад ва аз танзимкунандаи барномаи "Алиф" ва истифодабарандаи асосӣ низ дар ин асно мебошад. Ба мову шумо маълум аст, ки фаъолияти бахш, шуъба ва марказҳои Китобхона вобаста ба таҳияи феҳристи электронии фонди асосӣ тариқи барномаи "Алиф" бомаром идома дошта, тибқи муқарраротва меъёри муайяншуда дар ин самт корҳо идома дорад. Вале бо гузашти вақт ва рушди технологияи ҳозиразамон, пайдо гаштани роҳҳои нави хизматрасонӣ талаботи истифодабарандагон аз китобхонаҳо низ тағйир ёфта, истифода аз ҳама навъи ҳуҷҷат ба шакли электронӣ ва рақамӣ пиёда карда мешавад. Иловатан, бояд таъкид шавад, ки дар замони имрӯза фаврияти ба даст овардани китоб ва дигар анвои чопӣ ва электронӣ маҷрои дигар касб карда, ба содагӣ истифода аз китобхонаҳо ва сарфаи вақт дар хонандагон зиёд эҳсос карда мешавад. Китобхонаи миллӣ низ дар масири хизматрасонии рақамӣ-электронӣ қадамҳои устувор гузошта, барои ноил шудан ба ҳадафҳои Ҳукумати мамлакат дар самти татбиқи "Ҳукумати электронӣ" ва хизматрасонии фаврӣ ба истифодабарандагони Китобхона ҳамҷониба тадбирҳои мушаххас ва саривақтӣ меандешад. Бинобар ҳамин ҳам, роҳбарият ва масъулони шуъбаи феҳристнигорӣ, автоматикунонӣ, раванди китобдорӣ-иттилоотӣ ва дигар бахшу шуъбаҳои Муассисаро лозим аст, ки барои

ҳарчи зудтар ба шакли электронӣ таҳия намудани феҳристи асосии Китобхона тариқи барномаи "Алиф" чораҳои зарурӣ ва таъхирнопазир андешанд.

Дар давраи ҳисоботӣ **шуъбаи таъмир ва тармими ҳуҷҷатҳо** аз сохторҳои дахлдори Китобхона 104 адад дархост қабул намуда, мутобиқи онҳо 13991 нусха адабиётро таъмир кардааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022, 9660 нусха адабиёт зиёд мебошад.

## КОРҲОИ ИЛМӢ – ТАҲҚИҚОТӢ

Дар иртибот ба корҳои илмӣ ва таҳқиқотии Китобхонаи миллӣ Дар самти баргардон, таҳия ва нашри осори арзишманди ниёгон ва ҳамчунин осори илмӣ-таҳқиқотие, ки муҳаққиқони дохилию хориҷӣ оид ба таърих, фарҳанг ва расму оини миллати тоҷик дар давраҳои гуногуни таърихӣ таълиф намудаанд, **Маркази "Тоҷикшиносӣ"** як қатор корҳоро ба анҷом расонида истодааст. Хушбахтона, бо талош ва заҳматҳои кормандони Маркази дар соли 2023 китоби Ксенофонт "Курушнома", ки яке аз ҷилдҳои силсилаи "Тоҷнома" мебошад, бо теъдоди 100 нусха аз чоп баромад. Ҳамзамон, дар ин давра аз ҷониби Марказ асари "Сафар аз Оренбург ба Бухоро"-и Е.К. Мейендорф дар ҳаҷми 340 саҳифа бо шумораи 100 адад низ чоп гардид.

Дигар аз корҳо, ки Маркази "Тоҷикшиносӣ" дар моҳҳои сипаришудаи соли 2023 ба анҷом расонид, ин тарҷумаву таҳия ва таҳрири ниҳоӣ намудани асари «Тасаввуф ва адабиёти тасаввуфӣ»-и Е.Э. Бертелс мебошад.

Дар иртибот ба тарҷума, таҳия ва таҳрири силсилакитобҳои “Тоҷнома” ҳамзамон, дар ин давра китоби “Киропедия”-и Ксенофон Анабасис ба пуррагӣ аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума гардида, таҳрири ниҳоӣ низ шуд. Китоби «Ал-феҳрист»-и Ибни Надим аз забони арабӣ ба тоҷикӣ тарҷумаву таҳия гардида, нусхаи озмоишии он аз чоп баромад. «Таърих» (китоби IV)-уми Ҳеродот Ҳаликарнасӣ аз забони юнонӣ ба тоҷикӣ пурра тарҷума карда шуд. Пажӯҳиш ва тавзеҳоти муфассали илмии асари мазкур аз моҳи ноябри соли 2022 оғоз ёфта, то имрӯз дар ҳаҷми 117 саҳифа коркард шудааст. Илова бар ин, тарҷумаи асари «Ҳаммосаи миллии Эрон» -и Нёлдеки аз забони олмонӣ ба забони тоҷикӣ бо тавзеҳот дар ҳаҷми 147 саҳифа, асари «Забони қадимтарин ёдгориҳои насри форсӣ»-и Гилберт Лазард аз забони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ пурра тарҷума, ҳуруфчинӣ шуда, дигар корҳои вобаста ба таҳияи онҳо идома дорад.

Дар ин давра кормандони Маркази “Тоҷикшиносӣ” китоби «Куруши Кабир»-и Олберт Шондурро дар ҳаҷми 260 саҳифа, «Таърихи Эрони Бостон»-и М.М. Дьяконовро дар ҳаҷми 357 саҳифа аз хатти форсӣ ба кирилӣ баргардон намуда, корҳо дар ин самт идома доранд. Илова бар ин, асари «Таърихи адабиёти Эрон» (Аз Саъдӣ то Ҷомӣ)-и Эдуард Браун пурра ба хатти кирилӣ баргардон шуда, баъд аз муқобалахонӣ ба матни асл барои чоп пешниҳод мегардад.

Марказ дар давраи ҳисоботӣ ҳуруфчинӣ ва тарҷумаи китоби «Форсии куҳан. Граматика. Матн. Лексикон»-и Kent G. R ва «Новое в древнеперсидском» дар ҳаҷми 190 саҳифаи A4 иҷро намуданд, ки дар ин самт низ корҳо идома дорад.

Ҳамзамон, кормандони Марказ таҳрири «Фарҳанги русӣ-тоҷикии калимаҳои шоз» -и Қамчин Чиллазодро дар ҳаҷми 513 саҳифаи А4 ба анҷом расонида, чопи нусхаи санҷишии он низ анҷом пазируфт.

Баҳри амалисозии нақшаи панҷсолаи Марказ китоби дигар бо унвони «Чакан» ба нақша гирифта шудааст, ки он бо фарогирии мавод ва пажуҳишу таҳқиқоти муфассали илмӣ доир ба таърихи гулдузӣ, гулдузӣ дар таҳлили олимони Шарқу Ғарб, ошноӣ бо ҳунарҳои мардумӣ, тасвир ва таҳлили рамзҳо дар гулдузиро инъикос мекунад. Дар ин замина, асари мазкур қисман дар ҳаҷми 120 саҳифа таҳия шуда, рӯзҳо наздик пурра омода мегардад.

Китоби дигаре аз силсилаи "Тоҷнома" «Таърихи Форс ва адабиёти он (Ҷараёни тасаввуф)» -и А. Кримский мебошад, ки таҳрир гардида, барои чопи нусхаи санҷишӣ пешниҳод шудааст.

Ёдовар мешавем, ки Маркази "Тоҷикшиносӣ" нақша дорад, ки дар солҳои минбаъда таҳияи «Тазкираи шуарои Хатлон», «Кушониён», «Тахористон», «Хоразм ва скифия»-ро бо фарогирии мавод дар шакли китоби мукаммал омода гардонад. Барои таҳияи асарҳои зикршуда, гурӯҳи мутахассисони касбӣ ҷалб карда мешаванд.

Айни замон нақшаи гирдоварии мавод ва тадвини асари «Суғд» ба нақша гирифта шуда, дар ҷаласаи шурои илмӣ-методии Китобхона аз ҷониби ҳайати шуро тасдиқ карда шуд.

Ҳамин гуна корҳои тарҷума, баргардон ва нашри осор аз ҷониби **Маркази "Забони тоҷикӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ"** низ ба анҷом расида истодааст. Аз ҷумла, китоби «Фарҳанги рӯзи сухан» пурра

баргардон шуда, пас аз овонигорию (транскрипсия) ва таҳрир ниҳоят ҷилди 1-ум ва 2-юм он барои нусхаи санҷишӣ ба чоп супорида шуд.

Дар ҳоли ҳозир кори овонигории ҳарфҳои ҷилди 2, таҳрири муқоисавӣ, веросторӣ, аз ҷумла алифбоикунӣ, саҳифабандӣ ба охир расида рӯзҳои наздик рӯйи чоп меояд.

Дар доираи таҳияи ҷилдҳои навбатии "Тоҷнома" (Тоҷикон дар масири тамаддун) тарҷумаи китоби Пигулевская Нина Викторовна "Города Ирана в раннем средневековье" аз забони русӣ аз тарафи кормандони маркази мазкур ба роҳ монда шудааст. Дар давраи ҳисоботӣ китоби мазкур дар ҳаҷми 395 саҳифа тарҷума, ҳуруфчинӣ ва ғалатгирӣ гардидааст. Айни ҳол асари тарҷумашуда дар дасти муҳаррир қарор дорад. Китоби мазкур баъди ислоҳи ғалату нуқсонҳо дар назар аст, дар нимаи аввали соли 2024 рӯйи чоп ояд.

Дар давраи ҳисоботӣ шуъбаи **дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир** низ тарҷумаи китоби таърихии "**Аҳсан-ут-тақосим фи маърифати-л-ақолим**"-и Муҳаммади Мақдисӣ, ки аз 810 саҳифа иборат аст, пурра ба анҷом расонид ва айни ҳол барои навишти тақриз пешниҳод шудааст.

Китоби дигаре, ки аз ҷониби кормандони шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир аз хати форсӣ ба кириллӣ баргардон шуда буд, "**Таърихи Бухоро, Хуқанд ва Қошғар**" мебошад, ки айни ҳол дар дасти чоп қарор дорад.

Зимнан, кормандони шуъбаи мазкур ба таҳияи Феҳристи мундариҷавии маҷаллаи "**Шӯълаи инқилоб**" машғул буда, дар моҳи

ноябр соли 2023 пурра ба анҷом расид ва то моҳҳои аввали соли 2024 ба чоп  пешниҳод мегардад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир ин ғанӣ гардонидан, ҳифзу нигаҳдории нусхаҳои хаттӣ ва китобҳои чопи сангӣ мебошад. Дар соли 2023, кормандони шуъба аз аҳолӣ дар маҷмуъ **70** нусха китобҳои дастнавис ва чопи сангӣ ҷамъоварӣ намуда, мазмуну муҳтавои нусхаҳоро омӯхтанд ва барои харидорӣ ба комиссия пешниҳод гардидааст.

Дар соли ҷорӣ ба толори шуъба ва "Осорхонаи китоб" дар ҳамкорӣ бо шуъбаҳои равобити байналмилалӣ ва шуъбаи тарғиб ва барномаҳои фарҳангӣ бо шумули "Рӯзи дарҳои боз" **6525** нафар меҳмонони дохилӣ ва аз **15** давлати хориҷӣ, аз ҷумла Қазоқистон, Россия, Фаронса, Ҷумҳурии исломии Эрон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Озарбойҷон, Австрия, Қатар, Испания, Афғонистон ва дигар кишварҳо ташриф оварда, бо ганҷинаҳои нодири шуъба шинос шуданд, ки ин теъдод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4285 нафар бештар мебошад.

**Фаъолияти шуъбаи илмӣ-методӣ ва таҳқиқотӣ.** Бо мақсади таҳлил, таҳқиқ, омӯзиш ва муайян намудани омилҳо ва қонуниятҳои равандҳои инноватсионии фаъолияти китобдорӣ, шуъбаи илмӣ ва тадқиқотӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст. Кормандони шуъба ба муносибати 85-солагии зодрӯзи ҳунарманди маъруф дастури библиографии "Ҳошим Гадо: маҷмуаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ" ва дастури библиографии "Файзализода Ҷумахон Хол: маҷмуи мақолаҳо ва китобномаи шарҳилоҳӣ-ро аз чоп бароварданд. Ҳамчунин, дастури методии "Истиқлолият – дастдоварди бузурги

миллат" дар ҳаҷми 78 саҳифа таҳия гардида, тибқи қарори Шурои илмию методӣ аз 22 ноябри соли 2023, таҳти №8 барои пешниҳоди тақриз супорида шудааст.

Кормандони шуъба барои таҳияи дастурҳои "Китобхонаҳои бузурги ҷаҳон" дар ҳаҷми 51 саҳифа, феҳристи адабиёт ба муносибати 100-солагии шаҳри Душанбе таҳти унвони "Душанбе – шаҳри дилҳо" дар ҳаҷми 80 саҳифа, "Тақвими ҷашн ва санаҳои муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли (2024)" дар ҳаҷми 155 саҳифа, "Омӯзиши фаъолияти бахш, шуъба ва марказҳои Китобхонаи миллӣ" дар ҳаҷми 30 саҳифа мавод гирдоварӣ намудаанд. Инчунин, барои таҳияи феҳристи библиографӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳти унвони «Библиография и библиотековедение Таджикистана в 1974-2024 гг.» дар ҳаҷми 220 саҳифа аз сарчашмаҳои гуногун маводи нав ҷамъоварӣ, таҳрир ва тибқи соҳа ва сол ҷудо гардидааст.

Бо қарори Шурои илмию методии Китобхонаи миллӣ китобномаи "Адибони Тоҷикистон (тавсияҳои методию библиграфӣ барои китобдорон, қисми 3) дар ҳаҷми 131 саҳифа таҳия гардида, ба чоп пешниҳод шудааст. Матни китоби "Донишномаи Китобхонаи миллӣ" бошад дар тасҳеҳ ва таҳрири ниҳоӣ қарор дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ китобҳои тозанашре, ки ба Китобхонаи миллӣ ворид шудаанд, бо теъдоди **13** адад дар сомонаи Китобхона муаррифӣ гардидаанд. Дар умум дар соли равон ба сомонаи Муассиса 62 адад мавод пешниҳод шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта **44** адад зиёд мебошад.

**Бахши таҳрир ва интишорот** дар асоси дархости воҳидҳои сохтории Китобхона 269 адад даъватнома, **33** адад барнома ҷиҳати баргузории чорабиниҳо, 170 адад лифофа, 473 адад бланкаи мактубҳои содиротӣ, 65 адад мактубҳои содиротӣ, 4050 адад буклет, 130 адад табрикнома, 65 адад сипоснома ва 38 адад ифтихорнома чоп намудааст. Дар маҷмуъ, бахши мазкур 23177 адад маводи гуногунро аз чоп баровардааст.

Дар иртибот ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мехоҳам ишора кунам, ки дар соли ҷорӣ бори нахуст шумораи аввали маҷаллаи «Паём»-и Китобхонаи миллӣ аз чоп баромада, он дар Маркази байналмилалии ISSN сабти ном шуда, дорои рақами мушаххас мебошад

Дар давраи ҳисоботӣ бори нахуст сомонаи маҷаллаи илмии «Паёми Китобхонаи миллӣ» бо нишонаи (payom.kmt.tj) дар шабакаи байналмилалии Интернет ба фаъолият шуруъ кард. Сомона бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ аз равзанҳои «Асосӣ», «Сармуҳаррир», «Оиннома», «Бойгонӣ» ва «Тамос» иборат мебошад. Матни тоҷикии сухани сармуҳаррир ва оинномаи маҷалла ба забонҳои русиву англисӣ тарҷума ва интишор шудаанд.

Дар ин давра шумораи сеюми "Паёми Китобхонаи миллӣ» аз чоп баромада, шумораи чоруми он дар такмил ва таҳрир қарор дошта, рӯзҳои наздик аз чоп мебарояд.

**Ҳамкорони иззатманд!**

Чуноне ки шоҳид гаштем, дар қатори хизматрасонӣ ба истифодабарандагони Китобхона, ки аз фаъолияти асосии Муассиса

ҳисоб меёбад, корҳои илмӣ-методӣ ва таҳқиқотӣ низ аз корҳои дигари мову шумо мебошад. Гарчи дар ин самт корҳои назаррасу мондагор аз ҷониби коллективи Китобхона анҷом мепазирад, вале ҳамоно дар соҳаи китобу китобдорӣ, махсусан дар самти таҳқиқу баррасии масоили китобшиносӣ, китобхонашиносӣ, библиографияшиносӣ ва таърихи китобу китобдорӣ фаъолияти мо тақвият мехоҳад.

Аз ин нигоҳ, ба муовинони директор, шуъбаҳои илмӣ-методӣ ва таҳқиқотӣ, рисолаҳои илмӣ, маълумотдиҳии библоиграфӣ, библиографияи миллӣ, Маркази таҳсилот ва инноватсияҳои китобдорӣ, менеҷмент ва маркетинг, дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир, феҳристнигорӣ, адабиёти хориҷӣ, абонименти байникитобхонавӣ ва таҳвили ҳуҷҷатҳои элекронӣ супориш дода мешавад, ки барои рушду равнақи фаъолияти китобдорӣ дар Муассиса ва ҳамчун маркази илмӣ-методӣ фаъолияти самаронок нишон додани Китобхонаи миллӣ чораҳои зарурӣ ва мушаххас андешанд.

## ДАСТГОҲИ ТАРҒИБОТИИ КИТОБХОНА

Шуруъ аз аввали соли 2023 дар сохтори нави Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши матбуот ва робита бо ҷомеа амал мекунад, ки мақсади асосӣ ва ниҳоии он таъмини самараноки фаъолияти иттилоотии Китобхона, дар иртибот бо ҷомеа баланд бардоштани мақоми Китобхона, коркард ва амалӣ намудани PR – лоиҳаҳо, таъмини фаъолият, рушд ва пешбурди WEB портал (сайт)-и Китобхона, нашри маводи тарғиботию ташвиқотӣ вобаста ба мутолиаи китоб, инчунин

ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои гуногун бо мақсади нигоҳ дoштани симои мусбии Китобхона дар фазои иттилоотию фарҳангии ватанӣ ва байналмилалӣ мебошад.

Дар иртибот ба фаъолияти бахши матбуот ва робита бо ҷомеа дар давраи ҳисоботӣ **1389** мавод дар сомонаи расмии Китобхона гузошта шудааст, ки зиёда аз **229611** нафар онҳоро мутолиа намудаанд. Дар қатори сомонаи расмӣ Муассиса фаъолияти телеграмканали Китобхонаро аз моҳи апрели соли ҷорӣ роҳандозӣ намуда, то ин муддат 4000 обуначии доимӣ дорад. Бахши фаъоли телеграмканали мо "Бойгонии Китобхонаи миллӣ" ном дорад, ки дар ин давра 600 китоби электронӣ дар он гузошта шуда, зиёда аз 4000 нафар то имрӯз аз он истифода бурдаанд.

Бо вусъати ёфтани хизматрасонии рақамӣ ва онлайнӣ миёни ҷомеа ва дастрасии маводи электронӣ ба хонандагон яке аз самтҳои асоси фаъолияти китобхонаҳои диҷиталӣ ва анъанавӣ гаштааст. Аз ин низом ва ривиши фаъолият ҳеҷ як китобхона дар канор буда наметвонад. Бинобар ҳамин ҳам Китобхонаи миллӣ дар қатори сомонаи миллии электронӣ, ки зиёда аз 300 ҳазор адабиётро ғунҷонидааст, дар шабакаҳои иҷтимоӣ, махсусан фейсбук ва телеграмканал дар самти бадастории китобҳои электронӣ фаъолияти босамар ва бомарому мураттабро ҷорӣ кардааст, ки он тавассути кормандони бахши матбуот ва робита бо ҷомеа роҳандозӣ мегардад. Фаъолияти босамари Муассиса дар самти хизматрасонии рақамӣ ва тарғиби иттилооти фаврии фаъолияти мо тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаи расмӣ танҳо дар сурате рушду тақвият мeёбад, ки кулли шуъба, бахш ва марказҳои

Муассиса ҳамкориҳои судманд ва судбахшро бо бахши матбуот ва робита бо ҷомеа пурзур ва бо тарзу усулҳои нав ва диди ҷадид пиёда созанд. Аз ин нуктаи назар, ба бахши матбуот ва робита бо ҷомеа, бахш, шуъба ва марказҳои Китобхона дастур дода мешавад, ки дар тарғибу ташвиқи фаъолияти хеш ва Муассиса бетараф набуда, оид ба масъалаи тарғибу ташвиқи китобхона ва китобхонӣ миёни ҷомеа ба таври доимӣ роҳҳову усулҳои навро андеша намоянд ва дар маърифаткунонии аҳли ҷомеа, махсусан ҷавонону наврасон саҳм бигиранд.

а) ИШТИРОК ДАР КОНФЕРЕНСИЯҲО, СИМПОЗИУМҲО, СЕМИНАРҲОИ ИЛМИИ ҶУМҲУРИЯВӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар соли 2023 як қатор конфронсу семинарҳое, ки дар робита ба соҳаи китобу китобдорӣ дар кишварҳои гуногуни олам ба таври ҳузурӣ ва маҷозӣ (онлайн) доир гардиданд, кормандони Китобхонаи миллӣ дар онҳо ширкат ва суханронӣ карданд. Аз ҷумла:

- иштирок ва суханронии директори Китобхона Файзализода Ҷ.Х. дар дуюмин Анҷумани Иттиҳод “Китоб ва китобхонӣ ҳамчун манбаи стратегӣ дар рушди ҷомеа” дар шаҳри Бухоро;

- иштироки кормандони Китобхона дар Форуми байналмилалии “Муколамаи китобхонаҳои кишварҳои ИДМ” дар шаҳри Санкт-Петербург;

- иштироки кормандони Китобхона дар Форуми байналмилалии “Ҳақиқати таърихиро барои наслҳои оянда ҳифз мекунем” дар шаҳри Маскав;

- иштироки кормандони Китобхона дар доираи барномаҳои ҳамкории техникӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Ҳиндустон (ITEX) барои

такмил додани забони англисӣ дар шаҳри Ноида ва Банглори, Деҳлии Ҳиндустон;

- иштироки кормандони Китобхона дар Форуми байналмилалӣ ва мероси хаттии Шарқ" дар шаҳри Душанбе;

- иштироки муовини аввали директори Китобхонаи миллӣ Раҷабзода С. ва сардори шуъбаи адабиёти кӯдакон ва наврасон Дониёрова Ш. дар форуми байналмилалӣ дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия;

- иштирок ва суханронии директори Китобхонаи миллӣ дар 6-умин Шӯрои директорони Китобхонаи миллии давлатҳои узви СҲИ, ки дар доираи 100-солагии Китобхонаи миллии Озарбойҷон дар шаҳри Боку баргузор гардид;

- иштирок ва суханронии директори Китобхонаи миллӣ Файзализода Ҷ.Х. дар Конфронс оид ба мавзӯи "Мероси хаттӣ чун омили рушди ҳамкориҳои байни китобхонаҳо" дар шаҳри Бокуи Озарбойҷон;

- иштироки муовини сардори шуъбаи АРКИ Бобохонов Ё. дар форуми илмии байналмилалӣ дар Федератсияи Россия.

Ҳамин тавр, дар давраи соли 2023 **27-**нафар кормандони Китобхона ба сафари хизматӣ ба ҷумҳуриҳои Ҳиндустон, Россия, Узбекистон, Озарбойҷон сафарбар карда шуданд.

## 5. ФАЪОЛИЯТИ БИБЛИОГРАФИИ ШУЪБАҲО ВА ТАҲИЯИ ДАСТУРҲО

Аз ҷониби кормандони шуъбаи **библиографияи миллӣ** дар соли 2023 се дастур: «Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб»: маҷмуаи

мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ дар ҳаҷми 264 саҳифа, «Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб»: маҷмуаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ дар ҳаҷми 248 саҳифа, «Адабиётшинос ва муҳақиқи варзида Кучарзода Аламхон»: китобномаи шарҳиҳолӣ дар ҳаҷми 199 саҳифа аз чоп баромад. Китобе, ки омодаи чоп аст: «Шоир Ато Мирхоҷа»: китобномаи шарҳиҳолӣ дар ҳаҷми 150 саҳифа ва китобҳое, ки барои таҳия пешниҳод шудааст: «Нависанда ва тарҷумон Маҷид Салим": китобномаи шарҳиҳолӣ дар ҳачми 110 саҳифа, «Нависанда ва драматург Сайф Раҳимзоди Афардӣ": китобномаи шарҳиҳолӣ дар ҳаҷми 75 саҳифа, «Шоири халқии Тоҷикистон Сафармуҳаммад Аюбӣ": китобномаи шарҳиҳолӣ ва китобҳои таҳия шуда истодааст: "Академик Раҷаб Амон": китобномаи шарҳиҳолӣ 185 саҳифа, «Кароматулло Мирзоев": маҷмуаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ 114 саҳифа.

Дар ин давра кормандони шуъба тавассути барномаи «Библиограф» **42651** баргаро ба феҳристи электронии шуъба ворид намудаанд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта **5123** барга зиёд аст. Дар ин муддат ба қуттиҳои феҳристи мураттабии шуъба 24247 барга аз рӯйи соҳаҳо ворид карда шудааст.

Ҳамчунин, аз 351 нусха маҷалла ва 2380 нусха рӯзнома доир ба мавзуъҳои гуногун мақолаҳо интихоб ва тасвири библиографӣ карда шудаанд. Кормандони шуъба аз қуттиҳои картотекаҳо 19084 баргаро таҳрир намуда, 340 баргаи фарсудашуда ва 201 қисми онҳо (рубрикаҳо)-ро иваз намуданд.

**Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** маводи гуногуни чопӣ, электронӣ ва мултимедиавиро оид ба фаъолияти

ҳамарӯза ва пурсамарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз осори илмию публисистӣ, адабию бадеӣ, матбуоти даврӣ, сомонаҳои интернетии дохиливу хориҷӣ ҷамъоварӣ, таҳлилу коркард, пажуҳиш ва библиографинамоӣ карда, ба доираи васеи хонандагон пешниҳод мекунанд.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони Медиатека, дар маҷмуъ **25152** адад мавод – ба забони тоҷикӣ 14321 мавод, 7842 ба забони русӣ, 2063 мавод ба забони ӯзбекӣ, 652 мавод ба забони арабӣ ва 274 маводи дигар ба забони англисӣ гирдоварӣ намуданд, ки нисбат ба соли 2022 - 6903 адад зиёд мебошад. Инчунин, 77 адад тасвири аналитикии китобҳоро ба анҷом расониданд.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандон фонди умумии китоби Медиатекаро мавриди санҷиш ва ҷобаҷогузорӣ қарор дода, муайян намуданд, ки то ба имрӯз фонд дорои 1266 нусха китоб (1035 ба забони тоҷикӣ, 205 ба забони русӣ, 26 китоб ба забонҳои хориҷӣ ва дар хориҷа нашргардида) мебошад.

Ҳамчунин, кормандони Медиатека 14662 баргаро аз рӯйи соҳа дар феҳрист ҷобаҷогузорӣ кардаанд. Илова бар ин, дар ин давра 1220 адад мавод аз шабакаҳои интернетӣ бо забонҳои русӣ, арабӣ ва англисӣ ҷамъоварӣ шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби кормандони Медиатека **885** маводи мусаббат гирдоварӣ шуда, ҳамзамон 1220 мавод вобаста ба фаъолияти Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз шабакаҳои иҷтимоӣ ҷамъоварӣ намудааст.

Ҷиҳати амалишавии бомаром ва ҳадафманди лоиҳаи «Бунёди маводи мусаббати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024» Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи Нақшаи кории лоиҳа фаъолияти худро босамар анҷом дода истодааст.

Дар ин замина, корҳои гирдоварии мавод, таҳлилу библиографинамоии он барои дастурҳои электронии библиографии иттилоотии "Савол ва ҷавоб", "Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар", "Хазинаи чопӣ ва электронии маводи мусаббати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Корнамоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксу мусавварахо" ва "Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – эҳёгари ҳунарҳои мардумӣ" бомаром идома дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби кормандони шуъбаи **адабиёти хориҷӣ** дар маҷмуъ, **462** нусха китоби нав қабул ва коркард, 2753 адад баргаҳои нав чоп карда шуда, дар феҳристи анъанавии шуъба ҷобаҷо гузошта шуданд.

Дар ин муддат 15083 нусха адабиёт ба феҳристи электронӣ ворид карда шудааст.

Дар назди шуъбаи адабиёти хориҷӣ гӯшаи чанд кишвари хориҷӣ фаъолият дошта, дар асоси ҳамкорӣ бо онҳо мубодилаи байналмилалии китоб ба роҳ монда шудааст.

## 6. ТАКМИЛИ ИХТИСОС

Дар баробари коркард ва табъу нашри асарҳои марбут ба таърихи миллат, дастурҳои методиву феҳристномаҳо самти дигар ва муҳими фаъолияти Китобхона ин такмили ихтисоси китобдорони Китобхонаи

миллӣ ва дигар китобхонаҳои ҷумҳурӣ тавассути роҳандозии курсҳои гуногуни омӯзишӣ мебошад. Дар ин замина **Маркази таҳсилот ва инноватсияҳои китобдории** Китобхона ҳамасола курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисосро доир менамояд.

Кормандони **маркази номбурда** дар давраи ҳисоботӣ **110** нафар аз кормандони Китобхонаро дар як марҳила ба курси бозомӯзии барномаи "ALEPH" дар ҳаҷми 36 соати дарсӣ фаро гирифтанд. Инчунин, дар курси кӯтоҳмуддат сардорони шуъбаҳо, мудирони бахш ва муовинони онҳо ба омӯзиши имлои забони тоҷикӣ ва тарзи дурусти ҳуҷҷатгузорӣ ҷалб карда шуданд.

Марказ дар моҳҳои сипаригаштаи соли ҷорӣ оид ба гирифтани иҷозатномаи фаъолияти таълимӣ ҳуҷҷатҳои лозимаро таҳия ва ҷамъоварӣ намуда, барои муҳокимаву таҳлил ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти назорат дар соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд. Ҳамзамон, барои роҳандозии фаъолияти таълимӣ санадҳои зарурӣ, аз ҷумла нақшаи таълимӣ барои курси дусолаи Фаъолияти китобдорӣ – иттилоотӣ ва курси сесолаи Китобхонашиносӣ ва библиографияшиносӣ, барномаҳои забономӯзӣ, аз ҷумла забонҳои русӣ, олмонӣ, англисӣ таҳия карда шуда, ҳамчун санади заминавӣ барои таҳсил ба идораҳои масъул ирсол карда шуд. Хушбахтона, санаи 31 майи соли ҷорӣ бахри фаъолияти 5 (панҷ) солаи (2023-2028) Маркази таҳсилот ва инноватсияҳои китобдорӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти назорат дар соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома қабул ва имзо гардид.

Дар соли 2023, 145 нафар таҷрибаомӯз аз Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия, Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода, Коллеҷи фарҳанги ҷумҳуриявии ба номи П.Буйдоқов (н.Рӯдакӣ) дар марказ ва шуъбаҳои гуногуни Китобхона ба таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта шуданд.

## 7. ХИЗМАТРАСОНӢ БА ХОНАНДАГОН

Таҳлилу натиҷагирӣ аз фаъолияти бахши бақайдгирии шуъбаи хизматрасонӣ ба истифодабарандагон нишон дод, ки аз оғози фаъолият то ба имрӯз **270209** нафар узви Китобхонаи миллии Тоҷикистон шудаанд. Дар соли 2023 ба узвияти Китобхона 11643 нафар қабул карда шудааст. Аз ҷумла:

Ба толорҳои шуъбаи хизматрасонӣ ба истифодабарандагон, ки фарогири толори хониш, толори тиб ва табиатшиносӣ, толори ҳуқуқ ва фалсафа, ҳамчунин толори "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ва "Тоҷикон – оинаи таърихи миллат" мебошад, дар давраи ҳисоботӣ **72719** нафар хонанда ташриф оварда, ба онҳо ҷиҳати дастрас намудани беш аз **87141** нусха адабиёт хизмат расонида шудааст, ки ин шумора дар муқоиса ба соли қаблӣ 24647 нафар хонанда ва 27873 нусха китоб кам мебошад. Дар дигар толорҳои хониши Китобхона омори ташрифот ва китобдиҳӣ ба таври зерин мебошад:

| № | Номи сохтор | Шумораи хонандагон | Китобдиҳӣ | Маводи электронӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Шуъбаи матбуоти даврӣ | 4876 | 39149 | |
| 2 | Шуъбаи адабиёт доир ба | 2065 | 792 | 4003 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | фарҳанг ва ҳунар | | | |
| 3 | Шуъбаи библиографияи миллӣ | 1073 | 1789 | |
| 4 | Шуъбаи депозитарӣ | 250 | 331 | |
| 5 | Шуъбаи абонементи байни китобхонавӣ ва таҳвили ҳуҷҷатҳои электронӣ | 4533 | 5715 | |
| 6 | Шуъбаи хизматрасонӣ ба шахсони имконияташон маҳдуд | 2383 | 305 | 1470 |
| 7 | Шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир | 3417 | 7457 | |
| 8 | Шуъбаи маълумотдиҳӣ-библиографӣ | 901 | 1672 | |
| 9 | Шуъбаи адабиёти хориҷӣ | 14174 | 4707 | |
| 10 | Шуъбаи адабиёти кӯдакон ва наврасон | 6479 | 21780 | |
| 11 | Шуъбаи адабиёти табиатшиносӣ, техникӣ ва илмҳои дақиқ | 3414 | 5658 | |
| 12 | Толори хониши электронии шуъбаи автоматикунонии раванди китобдорӣ-иттилоотӣ | 25560 | | 7850 |
| 13 | Шуъбаи рисолаҳои илмӣ | 5139 | 2993 | |
| 14 | Шуъбаи хизматрасонӣ ба | 72719 | 87141 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | истифодабарандагон | | | |

Аз нишондиҳандаҳои омории зикргардида маълум мешавад, ки шумораи умумии хонандагон ва диҳиши адабиёт дар соли 2023-ум 146993 нафар хонанда ва 179489 нусха китоб ва 29823 адад маводи электрониро ташкил медиҳад, ки ин шумора дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2022-ум 76496 нафар хонанда ва 61109 нусха китоб кам мебошад.

Бо вуҷуди таъсири омилҳои гуногун дар самти коҳиши хонандагони Китобхонаи миллӣ дар соли 2023 дар дигар самтҳои фаъолияти Муассиса оморҳоеро низ мушоҳида намудан имкон дорад, ки муваффақият ва пешрафтҳои намоёнро дидан мумкин аст. Аз ҷумла дар нашри китоб ва дигар дастурҳои библиографӣ нисбат ба ҳамин давраи соли ҷорӣ 2 адад китоб зиёд чоп гардидааст, ки далели гуфтаи болост. Дар баробари ин, ба шакли электронӣ баргардонии китобу дигар анвои чопӣ низ аз амалҳое буданд, ки дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 натиҷаи назаррасро ба даст овардем.

Бо мақсади хизматрасонии саривақтӣ ва босифат ба хонандагон шуъбаи **матбуоти даврӣ** дар давраи ҳисоботӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст. Дар иртибот ба бастабандии нашрияҳои даврӣ дар ин давра зиёда аз **1200** нашрия барои муқовабандӣ пешниҳод гардидааст, ки баъд аз иҷрои ин амал онҳо ба фонди шуъба интиқол дода мешаванд.

Бо мақсади қонеъ намудани талаботи рӯзмарраи хонандагон нисбат ба рӯзномаҳои тозанашр ҳар ҳафта ба шуъба зиёда аз 50 номгӯи рӯзномаҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ ворид мешаванд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба фонди шуъба дар асоси нусхаи ҳатмӣ 3765 нусхаи рӯзнома ба забони тоҷикӣ, 898 шумора ба забони русӣ, 1791 шумораи рӯзномаҳо дар асоси нусхаи обунавӣ ба забонҳои тоҷикӣ, 553 шумора ба забони русӣ, 1855 шумора рӯзномаҳои ноҳиявӣ аз рӯи нусхаҳои ҳатмӣ ва обунавӣ, 992 шумора аз шуъбаи билиографияи миллӣ интиқол гардида, 4436 шумораи маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ аз рӯйи нусхаи ҳатмӣ ва обунавӣ ва аз сарчашмаҳои гуногун ворид шудааст, ки дар маҷмуъ 8862 нусхаи рӯзнома ва 4436 шумораи маҷалларо ташкил медиҳад.

Дар соли 2023 ба фонди **шуъбаи хизматрасонӣ ба шахсони имконияташон маҳдуд** 54 нусха китоб бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ворид гардидааст.

**Шуъбаи абонементи** байникитобхонавӣ ва таҳвили ҳуҷҷатҳои электронӣ дар асоси ҳамкорӣ бо китобхонаҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ ба воситаи абонементи байни китобхонаҳо дар маҷмуъ **50** нусха китоб ирсол шудааст, ки аз ин 33 нусха ба ноҳияҳои тобеи марказ ва 17 нусха ба вилояти Хатлон интиқол ёфтааст.

Дар ин муддат аз ҷониби кормандон кор бо хонандагони қарздор пурзӯр гардида, 1460 нусха китоб баргардонида шудааст, ки ин нишондод назар ба ҳамин давраи соли гузашта **352** нусха кам мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ба фонди шуъба 108 нусха адабиёт ворид гардидааст, ки нисбат ба соли 2022-ум 135 нусха кам мебошад. Адабиёти

воридгардида тибқи муқаррарот ба феҳристи мураттабӣ, алифбоӣ ва электронӣ гузаронида шуда, барои истифодаи хонандагон омода карда шудааст.

Кормандони **шуъбаи депозитарӣ** дар давраи ҳисоботӣ ба тафтиш ва санҷиши муқоисавии фонди шуъба, барқарор намудани рақамҳои инвентарии китобҳо, ташкили феҳристи электронӣ ва дигар корҳои марбут ба фаъолияти шуъба машғул шуда, як қатор корҳои муҳимро ба анҷом расонидаанд. Дар ин давра **1100 нусха** китоби таъмирталаб ҷудо гардида, 1028- нусхаи он баъд аз таъмир дар ҷойҳои муқаррарии худ ҷобаҷо гузошта шуданд. Вобаста ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи депозитарӣ метавон қайд намуд, ки дар ин давра таҳияи китоби "Шуъбаи депозитарӣ ва махзани арзишманди он" рӯйи чоп омад. Китоби мазкур аз дастовардҳои амиқи соҳаи китобдорӣ буда, онро метавон як дастури сирф соҳавӣ барои донишҷӯён ва мутахассисон номид.

**Шуъбаи нигоҳдории китоб** дар давоми соли 2023 аз махзанҳои китобии дар тавозуни худ қарордошта 21269 нусха китобро ба шуъбаҳои хизматрасонии Китобхона пешниҳод намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-ум 7006 нусха китоб кам мебошад. Шуъбаи мазкур дар самти қабули китобҳои навворидшуда, пешниҳоди китоб ҷиҳати воридсозӣ ба барномаи ALEPH ва дигар хизматрасониҳо бо дигар шуъбаҳо ҳамкории зич менамояд.

Барои ғанӣ гардонидани фонди шуъбаи нигоҳдории китоб дар ин давра 42882 нусха китоб, аз ҷумла 20011 нусха ба забони тоҷикӣ, 22705 нусха ба забони русӣ, 166 нусха китоб ба забонҳои ИДМ ба шуъба ворид

гардидааст. Ҳамаи китобҳои ба шуъба воридгардида аз рӯйи рақами инвентарӣ дар рафҳои китобӣ ҷобаҷо гузошта шудаанд.

Кормандони **шуъбаи адабиёт доир ба фарҳанг ва ҳунар** дар давраи ҳисоботӣ 847 адад маводро аз сарчашмаҳои гуногун оид ба фарҳанг ва ҳунари Тоҷикистон ҷамъоварӣ намудаанд.

Аз тарафи кормандони шуъбаи мазкур 51 адад мавод оид ба мавзуъҳои гуногун дар сомонаи Китобхона интишор ёфтааст. Дар давраи ҳисоботӣ ба шуъбаи адабиёт доир ба фарҳанг ва ҳунар 144 адад китоб ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, 22 адад нота ва 1 адад диск ворид гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ бахшида ба зодрӯзи Ҳунарманди халқии СССР, дорандаи Ордени "Ситораи Президенти Тоҷикистон", Арбоби ҳунари Тоҷикистон Ҳошим Гадо дар Китобхонаи миллӣ гӯшаи «Ҳошим Гадо» таъсис ёфт, ки дар он 620 ҷилди китоби ин ҳунарпешаи нотакрори саҳнаи тоҷик ва расмҳои ҷолиб аз фаъолияти ҳунарии ӯ дар гӯшаи толори шуъбаи адабиёт доир ба фарҳанг ва ҳунар ҷобаҷо гузошта шудаанд.

Дар ин давра, ҳамзамон аз ҷониби кормандони шуъба рӯнамоии китоби Кароматулло Раҳимзода "Эъчодиёти мусиқии маросимии тоҷикон" баргузор карда шуд.

**Шуъбаи адабиёти кӯдакон ва наврасони** Китобхона шуъбаи махсусест, ки фаъолияти он ҷиҳати хизматрасонӣ ба хонандагони хурдсол ба роҳ монда шудааст. Шуъбаи мазкур яке аз шуъбаҳои асосии хизматрасонӣ ба ҳисоб рафта, дар соли ҷорӣ **1405** нафар хонанда сабти

ном шудааст, ки онҳо **21780** нусха китобро мавриди мутолиа қарор додаанд.

Ҷиҳати ғанӣ гардонидани фонди шуъба дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи шуъбаи мукаммалгардонии фонд ба миқдори 672 нусха адабиёти бачагона, **190** шумораи рӯзномаву маҷаллаҳо ба шуъба ворид гардидааст.

Ҳамчунин, кормандони шуъбаи мазкур дар ин давра 47 хабару гузоришро аз ҷараёни маҳфилҳои ҳамешагии шуъба омода ва дар сомонаи Китобхона интишор додаанд.

Кормандони **шуъбаи маълумотдиҳӣ-библиографӣ** аз шабакаҳои интернетӣ оид ба мавзуъҳои дастовардҳои миллӣ ва пешрафту тараққиёти кишвар **395** адад мавод ҷамъоварӣ намудаанд. Ҳамчунин, кормандони шуъба 3817 нусха китоби фонди шуъбаро ба феҳристи электронӣ ворид кардаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони шуъбаи мазкур 150 нусха китобро аз шуъбаи нигоҳдории китоб қабул ва ба фонди шуъба ворид намуданд.

Дар давоми соли 2023 ба **шуъбаи рисолаҳои илмӣ** ба миқдори 608 нусхаи рисолаи илмӣ (340 нусха ба забони тоҷикӣ, 268 нусха ба забони русӣ), 1869 нусха автореферат (900 нусха бо забони тоҷикӣ, 969 нусха ба забони русӣ), **29** адад фитта (диск) ва аз ҷониби муроҷиаткунандагони «Толори кормандони илм» ва 495 адад шакли электронии рисолаҳои номзадию доктории дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояшуда ворид гардида, ба феҳристи электронӣ ворид карда шудаанд.

Бо мақсади ғанӣ гардонидани фонди толори академикон дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби донишмандони соҳаҳои гуногун ба миқдори **685** нусха китоб ва дигар маводи чопӣ ба шуъбаи рисолаҳои илмӣ тухфа гардидааст.

## 8. РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ КИТОБХОНА

Китобхона дар доираи мубодилаи байналмилалии китоб бо китобхонаҳои гуногуни мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла бо китобхонаҳои **28** давлати ҷаҳон ҳамкорӣ ва мубодилаи китобӣ дорад. Байни Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва **20** китобхонаи хориҷӣ Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ амал мекунад.

Шуъбаи **робитаҳои байналмилалӣ** дар давраи ҳисоботӣ ҳамкориҳои байналмилалиро дар сатҳи хуб ба роҳ монда, ташриф ва вохӯрии сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Қазоқистон Туреханов Валихан, аз Институти эроншиносии Австрия доктор Флориан Швартс, сафири Россия дар Тоҷикистон Дмитрий Петров ва Президенти Фонди байналхалқии “Духовное единство народов”, доктори илмҳои фалсафа, профессор Валерий Алексеев, сафири Ҷумҳурии Индонезия Муҳаммад Фаҷрул Раҳмон, ташкил ва баргузор намудааст.

Мавриди зикр аст, ки шуъбаи робитаҳои байналмилии Китобхонаи миллӣ тасмим дорад дар соли 2023 бо якчанд китобхонаҳои кишварҳои хориҷӣ асноди ҳамкориро ба имзо расонад, аз ҷумла

1. Лоиҳаи Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Китобхонаи миллӣ ва Китобхонаи миллии Ҳиндустон.

2. Лоиҳаи Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Китобхонаи миллӣ ва Сарраёсати кулли Китобхонаҳо ва нашрияҳои Вазорати фарҳанг ва сайёҳии Ҷумҳурии Туркия.

3. Лоиҳаи Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Китобхонаи миллӣ ва Китобхонаи миллии Фаронса.

4. Лоиҳаи Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Китобхонаи миллӣ ва Китобхонаи Искандарияи Ҷумҳурии арабии Миср.

5. Лоиҳаи Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Китобхонаи миллӣ ва Созмони аснод ва Китобхонаи миллии Ҷумҳурии исломии Эрон.

6. Лоиҳаи Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Китобхонаи миллӣ ва Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Қазоқистон.

## 9. ЧОРАБИНИҲОИ ФАРҲАНГӢ ДАР КИТОБХОНА

Дар Китобхонаи миллӣ дар соли 2023 аз ҷониби бахшу шуъбаҳои Китобхона **85** адад ва аз тарафи вазорату идораҳои ҷумҳурӣ 65 адад чорабинӣ доир гардидааст. Дар маҷмуъ, дар ин давра 105 адад чорабинӣ баргузор гардидааст, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2022-ум 9 адад зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони **шуъбаи тарғиб ва баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ** ба 439 гурӯҳ меҳмонони дохиливу хориҷӣ ва донишҷӯёну мактаббачагон саёҳат (экскурсия) гузарониданд, ки дар маҷмуъ, **5459** нафар меҳмонон бо шароит ва имконоти хизматрасонии Китобхонаи миллӣ шинос гардиданд.

**Шуъбаи менеҷмент ва маркетинги фаъолияти китобдорӣ** дар соли 2023 бахри ҷалби бештари хонандагон ба курсҳои кӯтоҳмуддати

омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳаматарафа чораҷӯӣ намуда, хоҳишмандонро рӯйхат ва ба онҳо оид ба курсҳо маълумоти заруриро пешкаш менамоянд.

Бахри дар амал татбиқ намудани мақсади асосии Китобхонаи миллӣ ва нишон додани мақому нуфузи ин боргоҳ кормандони шуъбаи менеҷмент ва маркетинг барои омода намудани механизмҳои нави ҷалби истифодабарандагони нав ба хизматрасонии иловагии пулакӣ ва тайёр намудани маводи рекламавӣ (буклет, брошюра, варақҳои таблиғотӣ ва ғайра) 3000 адад варақаи таблиғотӣ омода намуда, ба истифодабарандагон пешниҳод кардаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо ташаббуси шуъбаи менеҷмент ва маркетинг бахшида ба ҷашнҳои Наврӯзи байналмилалӣ, 32-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Рӯзи китоб" тантанаи рӯзи "Дарҳои боз" баргузор шуд.

Мавриди зикр аст, ки Рӯзи "Дарҳои боз" нахустин бор бо ҷалби кормандони кулли вазорат, кумита ва муассисаву идораҳои кишвар роҳандозӣ мешавад. Дар баробари ин донишҷӯёни донишгоҳу донишкадаҳои ҳудуди шаҳри Душанбе ва толибилмони коллеҷу омӯзишгоҳҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҳудуди шаҳри Душанбе вориди Китобхонаи миллӣ шуданд. Илова ба ин, шаҳрвандони хориҷӣ низ дар ин рӯз меҳмони Китобхона буданд. Дар ин рӯз аз ҷониби кормандони шуъба барои ҷалб намудани хонандагон ба китобхонаву китобхонӣ ва рекламаи курсҳои омӯзишии забонҳои хориҷӣ дар Муассиса зиёда аз 3000 буклет, брошюра, варақаҳои таблиғотӣ миёни ҷомеа ва ташрифовардагон тақсим карда шуд.

Кормандони шуъбаи менеҷмент ва маркетинги фаъолияти китобдорӣ 6 мавод дар сомонаи Китобхона интишор додаанд.

Бо ҳидоятҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузории Озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ба ҳукми анъана даромадааст. Имсол низ ин озмун бо мақсади таҷлили сазовори ҷашни 32-умин солгарди Истиқлолияти давлатии мамлакат баргузор мегарадад. Дар даври чоруми он (даври ҷамъбастӣ) Китобхонаи миллӣ барои омода кардани ҷойи баргузории чорабинӣ мувваззаф шудааст.

Бинобар ин, дар Китобхонаи миллӣ Ситоди озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ва "Тоҷикон – оинаи таърихи миллат" ташкил карда шуда, барои роҳнамоии довталабони озмун мунтазам фаъолият менамояд. Алалхусус, барои осону мукаммал дастраси довталабон гардонидан асарҳои адибоне, ки барои аз худ кардан ва хондан дар озмунҳо тавсия шудаанд, дар Китобхонаи миллӣ толори махсус бо номи "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ва "Тоҷикон – оинаи таърихи миллат" ташкил гардида, шакли электронии китобҳо дар ҳомилҳои электронӣ CD-ҳо ҷой карда шудаанд.

Роҳбарият ва кормандони Китобхона ҷиҳати ташвиқу тарғиби ҳамаҷонибаи Озмунҳои ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ва "Тоҷикон – оинаи таърихи миллат" аз тариқи шабакаҳои телевизионӣ ва радио, матбуоти даврӣ ва сомонаи Китобхона фаъолияти пурсамар доранд.

## а. МАҲФИЛҲОИ ФАРҲАНГӢ ДАР КИТОБХОНА

Китобхонаи миллӣ ҳамчун муассисаи фарҳангии кишвар дар баргузории чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ-сиёсӣ нақши муҳим бозида, яке аз маконҳои асосии баргузории чорабиниҳои сатҳи баланди ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин ҳамасола вобаста ба ҷашнҳои гуногун аз ҷониби бахшу шуъбаҳои Китобхона чорабинӣ ва маҳфилҳои мухталифи илмӣ-фарҳангӣ доир мегардад, ки барои баланд бардоштани сатҳи маънавиёти ҷомеа таъсири амиқ мерасонанд.

**Чорабиниҳое, ки аз тарафи бахш, шуъба ва марказҳои Китобхона баргузор гардиданд:**

Рӯнамоии китоби "Инъикоси фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзномаи "Ҷумҳурият, маҳфили "Дар суҳбати адиб" бо иштироки шахсиятҳои маъруф, чорабинии фарҳангӣ-фароғатӣ бахшида ба 29-солагии таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони "Артиши миллӣ – сипари боэътимоди давлат ва миллат", мизи гирд бахшида ба "Рӯзи модарон" дар мавзӯи "Модар-ҷавҳари ҳастӣ", конференсия бахшида ба ҷашни байналмилалии "Наврӯз", рӯнамоии осорномаи профессор Шоҳзамон Раҳмон, маҳфилҳои "Ганҷи сухан", "Равшандилон", "Дастони моҳир", "Ҳаёти солим", маҳфили ҳамешагии "Ҳамешабаҳор" зери роҳбарии адиби шинохта Хайрандеш, конференсияи илмӣ-амалии "Нақши Ваҳдати миллӣ дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ" ва рӯнамоии китоби "Ваҳдати миллӣ (феҳристи адабиёт)", маҳфили "Тоҷикшиносӣ" зери унвони "Забони миллат – ҳастии миллат", "Тоҷикон"- и Бобоҷон Ғафуров ва марҳилаҳои худшиносии тоҷикон", "Пайравони пешвои миллатем" ҳамзамон дар

ҳошияи маҳфил дар мавзӯи “Нақши сиккаҳо дар шинохти давлати Сомониён”, “Рӯнамоии феҳристи Ҳошим Гадо (Ифтитоҳи гӯшаи Ҳошим Гадо дар Китобхонаи миллӣ дар ҳошияи рӯнамоии дастури библиографии ӯ)”, “Нақши фарҳанг дар баланд бардоштани ҳувийяти миллӣ”, мизи гирди “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” таҳти унвони “Рушди тафаккури техникӣ – асоси рушди ҷомеа”, конференсияи илмӣ-назариявии “Нусхаҳои ҳатмӣ – асоситарин роҳи пуррагардонии фонди китобхона”, маҳфил бахшида ба зодрӯзи забоншиноси маъруф Додихудо Саймиддинов, “Рӯнамоии китобномаи Муҳаммад Ғоиб”, Рӯзи “Дарҳои боз” ва ғайра баргузор гардиданд.

**Чорабиниҳое, ки аз ҷониби ташкилоту муассисаиҳои давлатӣ дар Китобхона баргузор гардиданд:**

**1.** Конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Пешгирии савдои одамон, муқовимат ба экстремизм ва терроризм ва тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**2.** Семинар дар доираи лоиҳаи барқарорсозии устувории сабз, дар бахшҳои энергетика ва кишоварзӣ дар Тоҷикистон, аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**3.** Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, аз ҷониби Дастгоҳи Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон;

**4.** Мизи мудаввар дар мавзуи «Кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ», аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии “Хома”;

**5.** Форуми сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, аз ҷониби Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти назорати давлатии энергетикӣ;

**6.** Конференсияи байналмилалии "Нақш ва ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон", аз ҷониби Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**7.** Маҷлиси тантанавӣ бахшида ба "Рӯзи матбуоти тоҷик", аз ҷониби Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**8.** Мизи мудаввар дар мавзуи "Стандартҳои байналмилалӣ ва миллии пешгирии зӯроварӣ дар оила", аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**9.** Форуми сармоягузории Тоҷикистону Озарбойҷон, аз ҷониби Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**10.** Конференсияи илмӣ-оммавӣ таҳти унвони "Ки ба рӯйи ноумеде дари баста боз кардан...", аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии "Гемофилҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон";

**11.** Анҷумани соҳибкории Тоҷикистону Чин, аз ҷониби Муассисаи давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон";

**12.** Конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Таъмини ҳифзи сирри давлатӣ ва ҳифзи техникии иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", аз ҷониби Муассисаи давлатии "Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон";

**13.** Намоиши “Форуми соҳибкорони Тоҷикистону Туркманистон”, аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**14.** Намоиши “Маорифи Тоҷикистон-Русия. 2023”, аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**15.** Форуми байналмилалии СҲШ, аз ҷониби Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**16.** Конференсия дар мавзуи “Рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи маориф”, аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**17.** Ҷаласаи 17-уми Шӯрои вазирони адлияи давлатҳои иштирокдори ИДМ ва ғайра.

## 10.ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБАҲОИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКӢ, КОММУНАЛӢ, ХОҶАГӢ

Кормандони шуъбаҳои истифодабарии техникӣ ва хизматрасонии коммуналӣ, хоҷагӣ, хадамоти барқиву техникӣ новобаста аз баъзе мушкилоти мавҷуда тавонистанд, ки мувозинати солими кориро дар Китобхона нигоҳ доранд ва барои фаъолияти хубу пайвастаи дигар бахшу шуъбаҳои Китобхона шароити заруриро фароҳам оваранд.

Тибқи нақшаи ободонӣ корҳои барқарорсозӣ, нигоҳ доштани ҳолати сохтмонии бино ҳашару шанбегиҳо, кабудизоркунӣ ва ободонии боғи гирду атрофи Китобхона мунтазам идома дорад.

Аз ҷониби **шуъбаи истифодабарии техникӣ ва хизматрасонии электроэнергетикӣ** дар давраи ҳисобтӣ як қатор корҳо ҷиҳати таъмини фаъолияти муназзами кормандон ба анҷом расонида шудааст. Дар ин

давра ба миқдори 952 адад лампаҳои каммасрафи корношоямгардида иваз карда шуданд. Аз ҷониби кормандони шуъбаи мазкур барои чорабиниву ҷаласаҳое, ки дар Китобхона баргузор мешаванд, ба таври доимӣ навбатдории барқчӣ ва масъулони лифт ташкил карда мешавад.

**Бахши бехатарӣ аз сӯхтор** фаъолияти худро ҷиҳати таъмини риояи қоидаҳои назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтор, ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дар асоси нақшаи чорабиниҳои асосӣ оид ба масъалаҳои мудофиаи гражданӣ, эътино, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода ва бехатарӣ аз сӯхтор барои соли 2023 ба роҳ монда, дар давраи ҳисоботӣ бо кормандони Китобхона оид ба риояи қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор ва риояи қоидаҳои бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат дастурдиҳӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронидааст. Дар давраи ҳисоботӣ тамоми ошёнаҳо, роҳравҳо, толорҳои хониш ва махзанҳо ба қадри имкон бо воситаи аввалиндараҷаи оташнишонии ОП-5 таъмин карда шудаанд.

Шуъбаи **истифодабарии техникӣ ва хизматрасонии коммуналӣ** низ бо мақсади таъмини шароити мусоиди корӣ як қатор корҳои таъмириву азнавсозиро ба анҷом расонидааст.

## а). ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБАИ АВТОМАТИКУНОНИИ РАВАНДИ КИТОБДОРӢ-ИТТИЛООТӢ

Шуъбаи автоматикунонии раванди китобдорӣ-иттилоотӣ дар соли 2023 ба сомонаи Китобхонаи миллии электронии Тоҷикистон 11450 иттилоотро коркард ва ворид намудааст, ки айни ҳол фонди электронии сомонаи мазкур ба 334018 китоби электронӣ расидааст.

Сервер ва барномаи турникет (Access Control) зери назорати доимии масъулон қарор дошта, тамоми кормандони Муассиса бо изи дастон, чип ва кортҳои даромаду баромад вориди Китобхона мегарданд.

Веб-барномаи Kerio Control, Server Ubuntu 18.04 бо иҷозатномааш ҷиҳати таъмин намудани назорат, таъйину тақсими истифодаи самараноки шабакаи интернет, манъ намудани истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва ба ҳисобгирии омори истифодаи он дар Китобхонаи миллӣ омода ва ба истифода дода шудааст.

Нусхабардории эҳтиётии маълумоти электронӣ дар пойгоҳҳои маълумотии веб-барномаи библиографияи миллӣ, китобхонаи электронӣ, маркази иттилоотӣ ҳуқуқӣ ва барномаи ALEPH нигоҳ дошта мешавад.

Аз ҷониби кормандони гурӯҳи нусхабардорӣ ба миқдори 765 нусха китоб дар ҳаҷми  194400 саҳифа нусхабардорӣ, коркард ва ба формати PDF гардонида шудааст, ки ин назар ба ҳамин давраи соли гузашта 209 китоби электронӣ зиёд мебошад.

Фаъолияти барномаи ALEPH зери назорати доимии масъулон қарор дошта, камбудӣ ва ғалатҳое, ки дар модулҳои барнома ба чашм расиданд, дар доираи имконот бартараф карда шуданд.

Тибқи омори веб-барномаи Китобхонаи электронии миллии Тоҷикистон дар соли ҷорӣ 582 нафар хонанда сабти ном шуда, 66300 хонандаи маҷозӣ аз веб-барномаи мазкур истифода намудааст. Инчунин, тибқи мактуб ва дархост ба як қатор сохторҳои давлатӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ зиёда аз **16500** нусхаи электронии китоб ва маводи таълимӣ дода шудааст.

Бори дигар хотирнишон менамоям, ки ба сифати маркази бузурги фарҳангӣ ва иттилоотрасонии кишвар мо бояд дар самти хизматрасонии виртуалӣ фаъолияти хешро густариш бахшем, хонандагонро ба ин тариқ ба китобхонӣ ва китобхона ҷалб созем ва вазифаи асосии худ, ки робита бо ҷомеа асту маърифати ҷавонону наврасонро ба сӯйи китоб моил намоем. Аз ин нуктаи назар, шуъбаи автоматикунонӣ, раванди китобдорӣ-иттилоотии Китобхонаи миллиро зарур аст, ки дар самти электронинамоии фонди Муассиса тамоми қудрат ва тавони хешро сарф намоянд ва баҳри татбиқи ҳадафҳои Ҳукумати мамлакат ва ҳадафҳои Муассиса камари ҳиммат бубанданд.

## б). ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОИИ КИТОБХОНА

Муассисаи давлатии "Китобхонаи миллӣ" дар баробари хизматрасонӣ ба хонандагон, таҳияи дастурҳои методию нашри китобҳо, инчунин барои дастгирии иҷтимоии кормандони Китобхона ва шахсони алоҳида корҳои зиёдеро ба анҷом мерасонад.

**Фаъолияти Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони Китобхона.** Дар давраи ҳисоботӣ Кумитаи иттифоқи касабаи кормандон дар доираи имконият кормандони Китобхонаро мавриди дастгирӣ ва ғамхорӣ қарор додааст. Аз ҷумла, ба **9** нафар корманде, ки ба нафақа баромаданд, туҳфаи хотиравӣ тақдим гардида, дар арафаи ҷашни байналмилалии Наврӯз барои кормандон дастархони идона ороста шуд. Дар арафаи иди саиди Фитр ва Қурбон низ маводи ғизоӣ харидорӣ ва кумак расонида шудааст.

**Фаъолияти шуъбаи муҳосибот.** Яке аз вазифаҳои асосии шуъбаи муҳосибот самаранок ва мақсаднок истифода бурдани

маблағҳои ҷудогардида, мусоидат ба баландшавии захираҳои маводи Китобхона ва иқтисодиёт, таъмини саривақтии музди меҳнати кормандон ва ғайра мебошад, ки шуъбаи мазкур вазифаҳои худро мунтазам дар доираи имкониятҳо иҷро менамояд. Шуъбаи мазкур таъминоти мунтазам ва саривақтии музди меҳнат ва дигар хизматрасониҳои молиявиро дар давраи ҳисоботӣ ба роҳ мондааст.

**Фаъолияти бунгоҳи тиббии Китобхона.** Дар давраи ҳисоботӣ кормандони бунгоҳи тиббии Китобхона ба як қатор кормандон ва хонандагон ёрии аввалини тиббӣ расонидаанд. Моҳи марти соли равон тибқи нақшаи ҳарсола тамоми кормандони Китобхона аз муоина ва ташхиси тиббӣ гузаронида шуданд. Ба нафарони ниёзманд барои барқарор кардани саломатӣ кумаки тиббӣ ва тавсияҳо дода шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ **Шӯрои бонувони Китобхона** низ дар мавриди баргузории семинару машваратҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ фаъолияти назаррас дошта, бо иштироки коршиносони соҳа бахшида ба рӯзи оила дар мавзуи “Фарҳанг ва маърифати оиладорӣ”, “Модар ҷавҳари ҳастӣ” ва мизҳои мудаввар доир намудааст. Шуро оид ба риояи талаботи интизоми меҳнат дар миёни бонувони Китобхона пайваста корҳои таблиғотӣ-ташвиқотӣ мегузаронад.

Аз таҳлили натиҷаи фаъолияти **Комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросим** дар Китобхонаи миллӣ бармеояд, ки кормандони Китобхона талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро ба таври ҳатмӣ риоя намуда, дар баргузории ҷашну маъракаҳо дастуроти қонуни мазкурро сармашқи кори хеш қарор

медиҳанд. Дар соли ҷорӣ **25** нафар корманди Китобхона маъракаҳои хурсандӣ ва азодорӣ доир намуданд, ки дар онҳо талаботи қонуни зикршуда риоя гардидааст.

## НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСӢ

| № | Нишондиҳанда | Воҳид | Соли 2023 | Соли 2022 | Фарқият |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Теъдоди умумии аъзои Китобхона | нафар | **270209** | 258887 | **11322** |
| 2. | Теъдоди аъзои нав | нафар | **11643** | 16743 | **5100 кам** |
| 3. | Теъдоди ташрифи хонандагон ба толорҳои хизматрасонӣ | нафар | **146993** | **223489** | **76496 кам** |
| 4. | Теъдоди адабиёту маводи аз ҷониби хонандагони толорҳо истифодашуда | нусха | **179489** | **240598** | **61109 Кам** |
| 5. | Такмили фонди адабиёт | нусха | **71355** | **54308** | **17047** |
| | | сомонӣ | **948780,97** | **1148429,28** | **199648,31 кам** |
| 6. | Афзоиши теъдоди китобҳои Китобхонаи электронӣ | нусха | 334018 | **329800** | **4218** |
| 7. | Миқдори чорабиниҳо | адад | **150** | **141** | **9** |
| 8. | Теъдоди саёҳатҳо (экскурсияҳо) | гурӯҳ | **439** | **767** | **328 кам** |
| | | нафар | **5459** | **9191** | **3732 нафар кам** |

Директор Файзализода Ҷ. Х.